**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ ҶУМҲУРӢ**

# МАҶМЎИ МАВОДҲОИ ИМТИҲОНИ ЗИНАВӢ ВА ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

**АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК БАРОИ СИНФҲОИ IV, V, VII, IX ДАР СОЛИ ХОНИШИ 2015-2016 ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ТОШКАНД – 2016**

## ЗАБОНИ МОДАРӢ БАРОИ СИНФИ IV

## ХАТТӢ (ДИКТАНТ)

Дар синфи 4-ум имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаронӣ аз фанни забони модарӣ дар шакли диктант гузаронида мешавад. Диктанти назоратӣ дар давоми соли хониш пас аз гузаштани мавзӯъҳои калон, дар охири ҳар як чоряк баргузор мегардад.

Диктанти назоратӣ ба тарзи зерин амалӣ мешавад:

- омӯзгор диққати донишомӯзонро ба худ чалб намуда, онҳоро барои навиштани диктант омода мекунад ва матни диктантро як маротиба ифоданок хонда медиҳад;
- омӯзгор калимаҳои душворфаҳмро дар тахтаи синф навишта, ба тарзи талаффузи калимаҳо ва қоидаҳои имлои онҳо мухтасар эзоҳ медиҳад;
- омӯзгор дар тахтаи синф донишомӯзон бошанд дар дафтарашон санаи рӯз, навъи диктант ва сарлавҳаро аз рӯи тартиб аз сари хат менависанд;
- чумлаҳои дар матн бударо аз чиҳати ифодаи мақсад ва ба оҳанги он риоя намудан, ифоданок хондан, дуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ, мазмуни матн ва аҳамияти тарбиявии онро барои дар тафаккури донишомӯзон чой додан кӯмак мерасонад;
- омӯзгор ҳар як чумларо то се бор, аммо чумлаҳои калон ва мураккабро бошад қисм – қисм бояд хонда диҳад;
- пас аз навишта шудани диктант омӯзгор матнро бори дигар оҳиста ва бурро мехонад, донишомӯзон дурустии матни навиштаашонро месанчанд ва пас аз он омӯзгор диктантҳоро ғундошта мегирад;

Пас аз он матни диктант аз чониби омӯзгор интихоб ва аз тарафи иттиҳодияи методӣ ва роҳбарияти мактаб тасдиқ карда мешавад. Матнҳои интихобшуда бояд мавзӯъҳои панду ахлоқӣ, Модар-Ватан, забон, китоб, нон, дӯстӣ, ҳунар, воқеаҳои таърихӣ ва мавзӯъҳои барои бачаҳо шавқоварро дар бар гирифта, барои саводхонӣ ва инкишофи чаҳонбинии донишомӯзон хизмат кунанд.

Барои навиштани диктант 60 дақиқа (як соати астрономӣ) вақт чудо карда мешавад.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ НАВИШТАНИ ДИКТАНТ

Яке аз чиҳатҳои муҳим ва асосии чараёни таълим санчидани дарачаи дониши донишомӯзон, муайян намудани малака ва маҳорат ва дуруст баҳо додан ба дониши онҳо ба ҳисоб меравад. Яке аз усулҳои замонавӣ муайян намуани дониши донишомӯзон – системаи рейтинги бисёрхолӣ ба чараёни таълим зина ба зина татбиқ меёбад. Дар асоси Низоме, ки аз чониби Вазорати таълими халқи Чумҳурии Ўзбекистон оид ба «Дарачаи тайёрии рейтинги таълимии донишомӯзони мактабҳои таълими миёнаи умумӣ» барои дониши донишомӯзон дар системаи назорати фаолияти чорӣ, масофавӣ, чамъбастӣ ва эчодӣ баҳо гузошта мешавад. Дар охири соли хониши назорати чамъбастӣ доир ба ҳамаи мавзӯъҳои омӯзонидашуда оид ба дарачаи азхудкунии донишомӯзон барои баҳодиҳӣ гузаронида мешавад.

Барои муайян намудани саводхонии имлой ва роҳ надодан ба хатогиҳои аломати китобат дар навишти донишомӯзон мавқеъ ва чои диктант муҳим аст. Самаранокии диктант мавзӯъҳо ва мазмуни он, равшан ва аниқ будани мақсад, инчунин, пайдарпайии метод муайян карда мешавад. Диктант ва мазмуни он бояд ба талаботи меъёрҳои забони адабии точик чавоб дода тавонад ва матни он беш аз ҳама барои донишомӯзон фаҳмо бошад.

Ҳачми диктант дар синфи 4-ум бояд 75-85 калимаро дар бар гирад.

Диктанти назоратӣ – барои баҳо додани дарачаи тайёрии таълими донишомӯзон аз чиҳати системаи рейтингӣ бо чунин элементҳои ДММ санчида мешавад:

1. Роҳ надодан ба хатогиҳои имлой – ичро накард
2. Дуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ – ичро кард
3. Ба қоидаҳои аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо риоя намудан – ичро кард
4. Ба талабот чавоб додани ҳусни хат – ичро кард

Барои баҳо додан ба корҳои назоратии чамъбастӣ ҳар як ДММ қатъи назар аз миқдори онҳо бо 5–хол баҳогузорӣ мешавад. Чамъи холҳои элементҳои ичрошудаи ДММ (дониш, маҳорат ва малака) ба миқдори элементҳои КНСМ (корҳои назорати стандарти мачбурӣ) тақсим шуда, қимати миёна бароварда мешавад. Холи миёна холи ҳақиқии синфи назоратӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи нишондодҳои болой донишомӯз аз кори назорати стандарти мачбурӣ (КНСМ) агар аз 4-то элементи муайяншудаи ДММ 3-тоаш ичро карда шавад дар он вақт, он 15-холи чамъкардашуда ба 4 тақсим карда шуда, холи ҳаққонии кори назоратӣ бароварда мешавад.

ҳангоми ба кори назоратӣ баҳо додан қатъи назар аз чандто будани ДММ-и санчишӣ ҳар яки онҳо бо 5-хол баҳо дода шуда, дар баробари ин холҳои ба кори хаттии донишомӯзон гузошташаванда дар асоси талаботи зерин санчида мешаванд:

1. Мувофиқи талабот ва қоидаҳои забонӣ навишта шудани диктант.
2. Дуруст ва бомаврид истифода бурдани калима, ибора ва мафҳумҳо.
3. Риоя кардан ба қоидаҳои аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо.

Бояд омӯзгор аз рӯи ҳар як банди шарти болой диктани донишомӯзонро санчад. Мо аз рӯи шарти якум намуна меорем:

1. Роҳ надодан ба хатогиҳои имлой;
2. Дуруст гузошта шудани аломатҳои китобатӣ;
3. Риоя ба ягонагии услуб;
4. Риоя ба қоидаҳои аз сатр ба сатр гузарондани калимаҳо;
5. Мувофиқи талабот будани ҳусни хат.

## МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ БА ДИКТАНТ:

- Ба диктанте, ки ғалат надошта бошад ва дар сурати мавчудияти як ғалати саҳли имлой ва китобатӣ 5 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ду ғалати имлоию ду ғалати китобатӣ ё ки як имлоию се китобатӣ ва ё чор ғалати китобатӣ дошта бошад ё се ғалати имлоии якхела дошта бошад, дар он маврид 4 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки чор ғалати имлоию чор ғалати китобатӣ, ё се имлоию панч китобатӣ ё ҳафт ғалати китобатӣ дошта бошад, дар он вақт 3 хол гузошта мешавад;

- Ба диктанте, ки ҳафт ғалати имлоию ҳафт китобатӣ, ё шаш ғалати имлоию ҳашт китобатӣ, панч ғалати имлоию нӯҳ китобатӣ, ҳашт ғалати имлоию шаш китобатӣ дошта бошад, 2 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ғалатҳояш аз миқдори ғалатҳои холи 2 зиёд бошад, 1 хол гузошта мешавад.

## НАМУНАИ МАТНҲОИ ДИКТАНТ

## БАРОИ СИНФИ IV

### БОРОН

Аз тарафи шимол абрҳои сафеди хокистарранг мисли урдуи азими равонае намудор шуда, баъди як нафас қуллаи кухҳоро печонда гирифтанд. Абрпораҳои бузург дар уқёнуси осмон бо суръати тез ба ч,ануб шино мекарданд. Сояҳои бунафшаранги сиёҳтоб паси ҳамдигар рӯйи кӯҳу талу дараҳоро шитобкорона лесида мегузаштанд. Дар канори абрпораҳои шуълаи нуқрагини дурахшанда бозӣ мекард. Ногаҳон аз паси кадом ... кӯҳи дур раъди шадиде баланд шуда, дар кӯҳистон ғулғула андохт. Барқ домани ғарбии осмонро як лаҳза шуълавар кард. Шамоли сахте бархост ва аз паси он шуввас зада борони найсон рехт. (С.У.), 86 калима.

### АЛЛАИ ТАБИАТ

Офтоби ч,аҳонтоб оҳиста-оҳиста дар паси кухсор фурӯ рафта, дар фазои беғубори деҳот шафақи лоларанг намудор мешавад. Шаби тирамоҳ, махсусан, дар қишлокҳои ин диёр асрорангез мебошад: ч,ойи ҳавои гармро шабботаи форам, серуни ҳаловатбахши руҳафзо ишғол менамуд. Аз ки-куч,ои саҳро го-гоҳ хониши саросемавори бедонае ба гӯш мерасид. Ба рӯйи пахтаҳои шукуфта шабнам афтода, чангу ғуборир рӯзонаро аз байн мебарад. Дар ҳама чо, оромӣ, сукут ҳукмронӣ мекунад. Ба назар чунин менамояд, ки гӯё худи табиат барои ба хоби хуш ва ширин рафтани меҳнатдӯстони саҳро навозишкорона алла мегӯяд. (Ч,.И.), 84 калима.

### ФОИДАИ RИССАХОНВ

Бидон, ки rисса хондан ва [исса шунидан фоидаи бисёр дорад. Аввал, он ки аз а[воли гузаштагон хабардор шавад. Дуюм, он ки чун цароибу ахоиб шунавад, назари ў кушода гардад. Сеюм, чун ме[нат ва шиддати гузаштагон шунавад, донад, ки [ех кас аз банди ме[нат озод набудааст, ўро тасалло бошад. Ча[орум, чун заволи молу мулки салотини гузашта шунавад, дил аз моли дунё бардорад ва донад, ки бо касе вафо накарда ва нахо[ад кард. Панхум, ибрати бисёр ва тахрибаи бешумор ўро [осил ояд. (В.К.), 80 калима.

## АДАБИЁТИ ТОЧИК БАРОИ СИНФИ V

## (ШИФОҲӢ)

Дар синфи 5-ум имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаронӣ аз фанни адабиёт ба тарзи шифоҳӣ (даҳонӣ) гузаронида мешавад.

Дар Стандарти давлатии таълим донишомӯзони синфи 5-ум барои азхуд намудани ДММ зарурӣ бояд ба чунин шартҳо риоя намоянд:

- матнро бо роҳбарии омӯзгор дар синф хонда, дар якчояги муҳокима кардан;
- матнро мустақил омӯхта азхуд намудан, инчунин, матни ношиносро дар як дақиқа 100–110 калима бо суръат хонда тавонистан;
- матни ношиносро овоз набароварда, дар 1 дақиқа 150-170 калима бо суръат хонда тавонистан;
- ҳар як калимаи матни бадеиро ба меъёрҳои адабиётшиносӣ риоя намуда, аз рӯи эҳтиёт овозро пасттар, баландтар намуда ифоданок хонда тавонистан;
- баён карда тавонистани мазмуни матн;
- ба қаҳрамонҳои асар муносибат баён карда тавонистан;
- дар асари бадей воқеаи асосии тасвирёфта ва муносибати қаҳрамонро баён намудан;
- доир ба жанрҳои адабӣ ва санъатҳои бадей таассурот доштан;
- 6-7 асареро, ки дар барномаи омӯзишӣ барои аз ёд намудан тавсия шудааст, омӯхтан.

Саволҳое, ки барои имтиҳонҳои даҳонӣ пешниҳод шудааст дар асоси аз асарҳои омӯхташуда ва шеърҳои дар мавзӯъҳои гузашта ёд кардаи донишомӯзон тартиб дода шудааст. Бояд донишомӯзон аз рӯи саволномаи интихобкардаашон ба саволҳо чавоб диҳанд.

Микдори унсурҳои ДММ 5-то, холи стандартии назоратӣ 5 мебошад.

## МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ БА САВОЛҲОИ ШИФОҲӢ

Имтиҳони даҳонӣ ба таври зер баҳогузорӣ мешавад. Ҳангоми ба саволҳои шифоҳӣ чавоб додан ва барои муайян намудани ДММ аз рӯи чавобҳои донишомӯз фоизи он бароварда мешавад.

Барои баҳо додан ба имтиҳонҳои даҳонӣ аз чунин элементҳои ДММ истифода мебаранд:

1. Ба мукаммалӣ ва дурустии чавоб;
2. Ба дарачаи фаҳмиш ва фикрҳои бо далелҳо овардашуда;
3. Аниқ, равшан ва равонии тарзи баён;
4. Фикри мустақил ва озод баёншуда нисбати асар ва қаҳрамонони он;
5. Ба маҳорати дарккунии воқеаи асар ва нутқи шифоҳӣ.

Дар ҳар як банди ичро аз рӯи чавоби донишомӯзон мувофиқи талаботи поёнӣ ба ДММ аз 5 то 1 хол ва ба банди ичро нашуда бошад, 0 хол гузошта мешавад.

| Т/р | ХОЛҲОИ ГИРИФТАШУДА | Хол |
|---|---|---|
| **1.** | Агар ба ду саволи додашуда пурра ва бехато чавоб дода, онро бо мисол ва далелҳо собит карда тавонад, нутқ ва | **5** |

| | | |
|---|---|---|
| | фикри мустақилона дошта бошад | |
| **2.** | Агар аз ду савол якеашро пурра ва бехато чавоб дода, саволи дигарро на ба дарачаи саволи якум чавоб дода, ба ҳар ду савол мисол ва далелҳо оварда тавонад, фикри мустақил дошта бошад | **4** |
| **3.** | Оиди саволҳо таассурот дошта, ба онҳо мисол ва далелҳо оварда натавонад, фикри худро мустақилона баён карда натавонад | **3** |
| **4.** | Оиди саволҳо умуман таассурот надошта бошад ва фикри худро баён карда натавонад | **2** |
| **5.** | Чавоби донишомӯз аз холи 2 ҳам паст бошад. | **1** |

## НАМУНАИ САВОЛҲОИ ШИФОҲӢ АЗ АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ V

**Саволномаи №1**

1. Жанрҳои чинси ҳамосаро номбар кунед.
2. Байти “Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, Агар хоре бувад, гулдаста гардад”-ро тақтеъ кунед.

**Саволномаи №2**

1. Дар бораи суруди “Шӯриши Восеъ” маълумот диҳед.
2. Ҳикояти “Заргар ва наччор”-и Авфиро нақл кунед.

**Саволномаи №3**

1. Чистон чӣ гуна жанр аст?
2. Ривоятҳо дар бораи Сино гӯед.

**Саволномаи №4**

1. Дар бораи жанри афсона маълумот диҳед.
2. Чанд ҳадис гӯед.

**Саволномаи №5**

1. Муболиға чӣ гуна санъат аст?
2. Шеъри “Нони гарм”-и У. Рачабро аз ёд гӯед.

**Саволномаи №6**

1. Дар хусуси асарҳои Чингиз Айтматов чӣ медонед?
2. Аз “Зафарнома”-и Сино чиҳо медонед?

**Саволномаи №7**

1. Дар бораи Адаш Истад маълумот диҳед.
2. Чанд латифа гӯед.

**Саволномаи №8**

1. Оиди нақлу ривоят чиҳо медонед?
2. Чанд байт аз “Чаҳор китоб” азёд гӯед.

**Саволномаи №9**

1. Дар бораи ҳаёт ва эчодиёти Ибни Сино нақл кунед.
2. Ҳадис чист?

**Саволномаи №10**

1. Оиди “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ маълумот диҳед.
2. Шеъри “Муҳаббати модар”-и Эрач Мирзоро қироат кунед.

**Саволномаи № 11**

1. Ғояи асари бадей гуфта чиро мефаҳмед?

2. Афсонаи “Духтари подшоҳ”-ро нақл кунед.

**Саволномаи № 12**

1. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Б. Ортиқзода маълумот диҳед..
2. Шеъри “Гили хушбӯй”-и Саъдиро аз ёд хонед.

**Саволномаи № 13**

1. Оиди жанри латифа маълумот диҳед.
2. Чанд ривоят оиди Луқмони Ҳаким нақл кунед.

**Саволномаи № 14**

1. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии У. Зокониро гуфта диҳед.
2. Чанд панду андарз гӯед..

**Саволномаи № 15**

1. Латифа чӣ гуна жанр аст?
2. Як қитъа аз “Баҳористон”-и Ҷомӣ қироат кунед.

**Саволномаи № 16**

1. Дар бораи Чингиз Айтматов чиҳо медонед?
2. Аз “Гулистон”-и Саъдӣ як ҳикоят нақл кунед.

**Саволномаи № 17**

1. Дар бораи зарбулмасал ва мақол маълумот диҳед.
2. Як шеър аз Абдураҳмони Ҷомӣ гӯед.

**Саволномаи № 18**

1. “Зафарнома” чӣ гуна асар аст?
2.Чанд чистон гӯед.

**Саволномаи № 19**

1. Зиндагиномаи Носири Хусравро гуфта диҳед.
2. Ҳикояти “Марди сайёҳ”-и Кошифиро нақл кунед.

**Саволномаи № 20**

1. Вазни ҳиҷо аз вазни арӯз чӣ фарқ дорад?
2. Қофияву радифи байти зеринро муайян кунед:

Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.

**Саволномаи № 21**

1. Дар бораи асарҳои Имом Бухорӣ маълумот диҳед.
2. Дар бораи Насриддин Афандӣ латифаҳо гӯед.

**Саволномаи № 22**

1. Оиди достони “Беҳрӯзу Баҳром” чиҳо медонед?
2. Як ҳикоят аз “Гулистон”-и Саъдӣ нақл кунед.

**Саволномаи № 23**

1. Муболиға чист?
2. Ҳикояте аз “Хамсат-ул-мутаҳайййирин” нақл кунед.

**Саволномаи № 24**

1. Қофия ва радифро бо мисолҳо фаҳмонед.
2. Шеъри “Насиҳати модар”-и Лоиқро қироат кунед.

**Саволномаи № 25**

1. Дар хусуси асарҳои Кошифӣ нақл кунед.
2. Як ҳикоят аз “Қобуснома” гӯед.

**Саволномаи № 26**

1. Ҳаёт ва осори Муҳаммад Авфиро гуфта диҳед.
2.Чанд шугун гӯед.

**Саволномаи № 27**

1. Кадом асарҳои Лоиқро медонед?
2. Дар бораи сурудҳои алла фикратонро гӯед.

**Саволномаи № 28**

1. Дар бораи Аминҷон Шукӯҳӣ маълумот диҳед.
2. Характери бадеӣ чист?

**Саволномаи № 29**

1.Дар бораи ҷинсҳои адабӣ маълумот диҳед.
2. "Порчае аз қиссаи "Бачаи шум"-и Ғ.Ғулом нақл кунед.

**Саволномаи № 30**

1. Дар бораи "Қобуснома" маълумот диҳед.
2. Порчае аз "Нони Самарқанд"и Б. Ортиқзодаро нақл кунед.

**Саволномаи № 31**

1. Аз ҳаёт ва фаъолияти адабии Убайд Раҷаб нақл кунед.
2. "Момогавазни ҷанбаршох"-и Ч. Айтматовро нақл кунед.

**Саволномаи № 32**

1.Дар бораи "Бачаи шум" ном қиссаи Ғафур Ғулом фикратонро гӯед.
2.Достони "Эраҷи тилисмшикан"-ро нақл кунед.

## ЗАБОНИ ТОЧИКӢ БАРОИ СИНФИ VI I

## ХАТТӢ (ДИКТАНТ)

Ба мисли синфи 4 дар синфи 7 низ имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаронӣ аз фанни забони точикӣ дар шакли диктант гузаронида мешавад. Дар ҳар ду синф тарзи гирифтани диктант, меъёри баҳогузорӣ қариб як хел буда, мавзӯъ ва миқдори калимаҳои матнҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Дар синфи 7-ум низ матни диктант аз чониби омӯзгор интихоб ва аз тарафи иттиҳодияи методӣ ва роҳбарияти мактаб тасдиқ карда мешавад. Матнҳои интихобшуда бояд мавзӯъҳои панду ахлоқ, Ватан, забон, китоб, дӯстӣ, ҳунар ва ғайраҳоро дар бар гирифта, барои саводхонӣ ва инкишофи чаҳонбинии донишомӯзон хизмат намоянд.

Барои навиштани диктант 60 дақиқа (як соати астрономӣ) вақт чудо карда мешавад. Диктант ва мазмуни он бояд ба талаботи меъёрҳои забони адабии точик чавобгӯ ва матни он пеш аз ҳама барои донишомӯзон фаҳмо бошад. Ҳачми диктант дар синфи 7-ум бояд 110-125-то калимаро дар бар гирад.

**Диктант дар асоси чунин меъёрҳои баҳогузорӣ санчида мешавад:**

- Ба диктанти беғалат ва дар сурати мавчудияти як ғалати саҳли имлой ва китобатӣ дар он, 5 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ду ғалати имлой ва ду ғалати китобатӣ, як имлоию се-чор ғалати китобатӣ, ё се ғалати имлоии якхела дошта бошад, 4 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки чор ғалати имлоию чор ғалати китобатӣ, се имлоию панч китобатӣ ё ҳафт ғалати китобатӣ дошта бошад, 3 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ҳафт ғалати имлоию ҳафт китобатӣ, шаш ғалати имлоию ҳашт китобатӣ, панч ғалати имлоию нӯҳ китобатӣ ё ҳашт ғалати имлоию шаш китобатӣ дошта бошад, 2 хол гузошта мешавад;
- Ба диктанте, ки ғалатҳояш аз миқдори ғалатҳои 2 хол зиёд бошад, 1 хол гузошта мешавад.

**Ёдоварӣ**:

1. Ҳангоми баҳогузорӣ қатъи назар аз гуногунии хатоҳои мавчудаи диктант асосан, миқдори хатоҳои имлой ба ҳисоб гирифта мешавад.
2. Агар миқдори ислоҳҳои дар диктант буда аз 5-то зиёд бошад , баҳо 1 хол паст карда мешавад.

**Эзоҳ**: Донишомӯз кори хаттиро (дар диктант, баёни эчодӣ ва иншо) мутлақо бехато нависад, аммо ҳусни хаташ ба талабот чавобгӯ набошад, дар натича 1 хол паст карда мешавад.

## НАМУНАИ МАТНҲО БАРОИ ДИКТАНТ

### МАШҚИ ХАТ

Барои он ки аз ин ҳунар баҳравар шавам, пайваста хат машқ мекардам, аз китоби дарсӣ порчаҳои назму насрро гаштаю баргашта ба дафтарам мекӯчондам. Аммо “қариндошқалам”-и оддӣ хати нозеби маро нозебтар мекард: ҳарфҳо бенур ва дағал мебаромаданд. Ҳавас доштам, ки бо сиёҳӣ нависам, лекин дар интернет сиёҳӣ набуд. Рӯзе аз рӯзҳо ман, ҳамчуноне ки чанде пеш дар деҳа карда будам, нони ҳар пагоҳ дар интернат мегирифтагиамро сарфа намуда, дар ду рӯз ду нон зиёд кардам ва баъд онро назди баққол бурда ба сиёҳӣ иваз намудам. Баққоли тусӣ аз баққоли деҳаи мо сахитар баромад: вай ба ман сиёҳии хокаи коғазпечро бӯлак накарда пурра дод, ки аз он ним шиша сиёҳии обакӣ баромад. Ин миқдор сиёҳӣ барои ман ба чанд моҳ мерасид, ман шод будам. (С.У.), 131 калима.

### РАҲИМИ ҚАНД

Чун номи Раҳими Қанд дар миён омад, лозим шуд, ки дар бораи ӯ як қадар зиёдтар истода гузарам. Асли ин одам аз деҳаи Истамзеи тумани Шофирком буда, дар Бухоро мусиқанавозӣ мекард.

Ӯ як одами бесораи бисёр камбағал буд. Дар пешаи худ-танбурнавозӣ ҳам он қадар маҳорати калон надошт. Бар болои ин одами бисёр камгап ҳам буд. Агар гап занад ҳам, гапҳои чиддинамо мезад. Монанди мусиқачиёни он замон ҳазлу шӯхӣ, ширинкорӣ ва хушомадгӯиро намедонист. Бинобар ин, ӯро бойҳо ба тӯй ва базмӯояшон намебурданд, ё ин ки кам мебурданд. Азбаски харидораш кам буд, агар ӯро касе ба базме хабар кунад, дар як рӯз ё дар як шаб ба дутанга музд, ки сӣ тин мешавад, розӣ мешуд. (С.А.), 114 калима.

### RАЛАМКАШ

Бибиробиаи ґаламкаши номЬ ва чевари таърифЬ чанд ваґт боз бетоб буд. Рез ба рез [олаш бад мешуд. Тамоми хешовандон аз е умедашонро канда буданд. Дигар барои [амаи онон равшан буд, ки е дар миёнахои [авлЬ, дар сояи дарахти тутти калони марворидак якта берё партофта, ба болои он якандозашро андохта, аз паго[ то бего[ дар чашмонаш айнак, дар дасташ берёчеб ба реи шо[Ь ва сандуф[ои тахта ва чорсуи сабз, бунафш, зард ва пуштЬ - ба ремол, сезанЬ ва рехо[ои одамон наґш[о нахо[ад кашид. Дигар ин [унарманди номдор бо наґшу нигор[ои нав ба нав ихтироъкардаи худ, мардуми гирду атроф ва дуру наздикро моту маб[ут нахо[ад кард. Дигар занон, со[ибони тею маърака[о реймол, сезанЬ ва рехо[ои худро барои наґшкашонЬ бардошта нахо[анд омад. (Ҳ.К.), 119 калима.

## БАЁНИ ЭЧОДӢ

Мақсад аз таълими забони точикӣ ба камол расондани шахси аз чиҳати ичтимоӣ мукаммал ташаккулёфта, мустақил фикркунанда, маданияти нутқ ва мулоқоташ инкишофёфта ва босавод мебошад. Дар натичаи таълими забони точикӣ дониш, маҳорат ва малакаи донишомӯзон дар асоси нишондоди стандартии се андозагӣ санчида ва муайян карда мешавад. Малакаи фикрро ба таври хаттӣ баён кардан яке аз чараёнҳои мураккаб буда, мақсади таълими забони точикӣ ба ҳамин андоза тачассум меёбад. Ҳангоми аз худ кардани маҳорат ва малакаи донишомӯзон дар чараёни таълими забони точикӣ дар матни ӯ тартибдода акси худро меёбад. Дар синфи 9 – ум нишондоди асосӣ чунин аст, ки фикрро мантиқан пай дар пай аз имкониятҳои васеъи забон истифода бурда, малакаи равон ва дуруст баёнкунӣ, васеъгӣ ва чуқурии дониши донишомӯз ва тарзи баёни фикри ӯ оиди мавзӯъ ва бо дарачаи саводнокии имлоӣ (талаффуз) ва услубии матни тартиб дода муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз хатмкунандагони синфи 9–ум аз фанни забони точикӣ дар аттестатсияи чамъбастӣ баёни эчодӣ менависанд.

Нақли хаттӣ яке аз навъҳои мураккаби таълими баён аст. Нақли хаттӣ аз чиҳати эчодкорона майл намудани донишомӯз ба мазмуни матни интихобшуда аз дигар навъҳои баён фарқ мекунад. Нақли хаттӣ матни интихоб карда шудаи донишомӯз аз чиати бадеӣ аниқ ва пухта, мантиқан пай дар пай, вобастагии он ба ҳаёти ичтимоӣ ва воқеӣ, мустақил эчодкорона баён кардани фикр, омӯзонидани моҳирона истифода бурдан аз воситаҳои ғании забон, инкишоф додани малакаи нутқи хаттӣ ва зиёд кунонидани дарачаи саводхонӣ ва бо мақсади муайян кардани дар ин бора доштаи дониш, маҳорат ва малакаи онҳо навишта мешавад.

Дар баёни мавзӯъҳо бештар масъалаҳои бадеӣ ва маънавию маърифатӣ, ҳаёти ичтимоӣ ва сиёсӣ, навгониҳои фан ва техника ва вобастагиҳои байни фанҳо дар мадди назар қарор мегиранд.

Донишомӯзон аз навъҳои зерини баён истифода бурда, баёни эчодӣ менависанд.

- ❖ Дар матн аз воситаҳои тасвири бадеӣ истифода бурда, баёни эчодӣ навиштан;
- ❖ Матни тайёрро дар асоси фикру мулоҳизаи худ давом додан;
- ❖ Шахси матнро дигар карда, баёни эчодӣ навиштан;
- ❖ Навиштани баёни эчодии дорои супориши грамматикӣ;

Дар чараёни навиштани баёни эчодӣ донишомӯзон ба чунинҳо меъёрҳо бояд эътибор диҳанд:

- ❖ мазмун ва моҳияти матнро дуруст дарк карда, дар бораи чӣ навиштанро донистан;
- ❖ оиди мавзӯи матн маълумотҳоро ба хотир овардан;
- ❖ нақшаи матнро тартиб додан;
- ❖ дар асоси нақша фикрҳои асосиро барои равшан ва пай дар пай баён кардан муваффақ шудан;
- ❖ ҳодиса ва воқеаҳои дар матн бударо дар ҳолати мушоҳидакорӣ тасвир кардан;
- ❖ барои фикру мулоҳизаҳои худро оиди мавзӯъ навиштан муваффақ гардидан;

- ҳангоми навиштани ҷумла ба равонии услуб, ба саводхонии имлой эътибор додан;
- пас аз тайёр шудани нусхаи сиёҳнависи баёни эчодй, онро бори дигар хонда баромадан;
- кори хаттии тайёрро сафеднавис кардан.

Матнҳои баён дар 3 вариант тайёр карда мешавад. Дар ҳар як вариант яктогй матн дода шуда, дар баробари ҳар як матн ба яке аз навъҳои он барои навиштани баёни эчодй супориш дода мешавад. Донишомўз аз 3 вариант (конверт) яктоашро интихоб мекунад. Мавзўи матни даруни лифофаи интихобшуда ба тахтаи синф навишта мешавад. Супориши ба баёни эчодй додашуда ҳам ба тахтаи синф дарч мегардад. Матни баёни эчодиро омўзгор як маротиба (агар зарур бошад, ду маротиба) хонда медиҳад. Донишомўзон дар бораи матни шунидаашон дар асоси супоришҳои додашуда баёни эчодй менависанд. Ҳачми баёни эчодй аз 3,5 саҳифа бояд кам набошад. Барои навиштани баёни эчодй 2 соати астрономй вакт дода мешавад.

Матнҳои баёни эчодй аз чониби омўзгор интихоб ва дар иттиҳодияи методии мактаб муҳокима ва қабул карда мешаванд. Маводҳои қабулшуда аз чониби роҳбарияти мактаб тасдиқ мегарданд. Дар синфҳои 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумй дарачаи тайёрии таълимии донишомўзон аз рўи баҳодиҳии системаи рейтингй дар асоси элементҳои умумигардонидашудаи зерини ДММ баёни эчодй санчида ва баҳогузорй мешавад.

- дар асоси нақша пурра ва пай дар пай навишта шудани баёни эчодй 1,5 хол;
- бамавқеъ истифода бурдани калима, ибора ва мафҳумҳои фразеологй 1 хол;
- пурра кардани матн бо ғоя ва фикрҳои иловагй 0,5 хол;
- барои мустақил ва эчодкорона баён кардан 1 хол
- барои дуруст гузоштани аломатҳои китобатй ва роҳ надодан ба хатогиҳои имлой 0,5 хол;
- барои ба талабот чавоб додани услуб ва ҳусни хат 0,5 хол.
- холҳо чамъ карда шуда, дар натича холи миёна бароварда мешавад.

## НАМУНАИ МАТНҲОИ БАЁНИ ЭЧОДЙ БАРОИ СИНФИ IX

## ОҚИБАТИ ҲАСУД

Овардаанд, ки дар Бағдод марде буд ҳасуд ва ҳамсояе дошт марди пок ва порсо. Мардуми Бағдод он азизро хеле эҳтиром мекарданд ва дар мач,лису маҳфилҳо аз ӯ зикри хайр менамуданд. Ҳамсояи ҳасуд аз ин ч,иҳат бар он некмард ҳасад мебурд… Охир аз ин муомила ба танг омада, бағоят дармонд. ғуломе харид ва дар бораи ӯ ғамхориву меҳрубониҳо кард...

Чун муддате аз ин бигзашт ва ғулом чанд навбат ба забони ниёз илтимос намуда гуфт:

- Анвои навозиш ва марҳамат дар бораи ин бечора фармудаӣ, ки ба қуввати иборат шарҳ додан мумкин нест. Мехоҳам, ки дар ивази ин кирдор ман низ ч,онсупорӣ кунам.

Хоч,а чун дид, ки ғулом хоҳиши ҳақгузорӣ ва таманнои ҳаводорӣ дорад, парда аз рӯи кор бардошт ва фармуд:

- Бидон ва огоҳ бош, ки ман аз дасти ин ҳамсоя ба ч,он омадаам, мехоҳам, ки ба ӯ накбате расонам, аммо то ҳол ин маро муяссар нашуд ва оташи ҳасад ҳар соат дар дили ман шӯъла мекашад. Туро дар ин муддат аз ч,иҳати ин парвардаам, ки имшаб маро бар боми ҳамсоя бикушӣ ва ҳамон ч,о бигузорӣ. Чун бомдод маро он ч,о кушта бинанд, албатта ӯро ба тӯҳмати хуни ман бигиранд ва молу ч,они ӯро талаф созанд. Эътиқоди мардум дар ҳаққи вай ба фасод анч,омад.

Ғулом гуфт:

- Эй хоч,а, аз ин фикр даргузар ва чораи ин кор ба навъи дигаре пеш гир. Агар муроди ту дафъи зоҳид бошад, ман ӯро ба қатл расонам.

Хоч,а гуфт:

- Он андешаи дуру дароз аст, шояд ту ба ин зудӣ ӯро кушта натавонӣ. Ман дигар қуввати тоқат надорам, бархез аз ин хидмат ба ч,о ору маро аз худ хушнуд гардон. Инак, ба ту хати озодӣ медиҳам ва ҳамёни зар низ ҳадя менамоям, то аз ин шаҳр биравӣ ва ба вилояти дигар маскан созӣ.

Ғулом гуфт:

- Эй хоч,а, ҳеч, оқил ин фикр накунад, ки ту кардаӣ. Чун ту бимирӣ, аз куштани ӯ ва шиканч,аву ҳабси ӯ чӣ лаззат мебардорӣ?...

Чандон аз суханон дар миён овард, фоида набахшид. Ниҳоят ғулом сари хоч,аашро бар боми хонаи ҳамсоя бибурид ва танашро, ки нанги арсаи вуч,уд буд, ҳамон ч,о бигзошт. Худ хати озодӣ ва ҳамёни зар бардошта рӯй ба Исфаҳон ниҳод ва ҳамон ч,о истиқомат ихтиёр кард.

Рӯзи дигар хоч,аи бадниятро бар боми некмард кушта ёфтанд. Некмардро ба зиндон ҳабс карданд… Чанд вақт ҳамчунон маҳбус бимонд.

Иттифоқо баъд аз муддате яке аз савдогарон дар Исфаҳон ғуломро дид. ғулом аҳволи хешовандони хоч,а ва ҳамсоягонро пурсид. Дар аснои ин ҳол сухан ба он некмард ва ҳабси ӯ расид. Ғулом гуфт:

- Ач,аб ситаме шудааст, ҳол он ки ин кор ба ҳукму фармони хоч,а аз ман собит гашта буд ва он марди пок аз ин муомила бехабар аст.

Пас чигунагии ҳолро ба тамомӣ боз гуфт. Хоч,аи савдогар ч,амъеро ба он ҳол гувоҳ гирифт ва ба Бағдод омада сурати ҳодисаро гуфт ва он некмардро аз банду қайд озод намуд.(В.К.), 490 калима.

***Супоришҳо:***

*1.Мазмуни матнро гуфта диҳед.*

*2.Нақшаи матнро кашед.*

*3.Дар бораи зарари ҳасад фикрҳои худ ва дар асоси мазмуни матн баёни эчодӣ нависед.*

## ЗИЁРАТИ ЧОМӢ

Қозизода аз он пеш ба Ҳирот наомада буд ва мардуми он чо ва аз чумла Чомиро намешинохт. Дар хаёли ӯ Чомӣ ба монанди уламои бузурги он замон дар зери чомаҳои пурқимат ва саллаи бузург чилва менамуд. Аммо Чомӣ дар тобистон ва зимистон чомаи оддии пахтадор мепӯшид ва бар сар тоқияи убайдӣ (як хел каллапӯши сафед, ки пештар дар Самарқанд медӯхтанд) ниҳода, бар вай ду-се печ дасторчаи хурде мепечонд. Миёни худро бо фӯтаи ҳаммомиён мебаст ва ду нӯги фӯтаро аз пеш овезон мегузошт. Ба даст асои чавбеде мегирифт, ки аз қоматаш як вачаб баландтар буд.

Қозизода ба ҳавлии Чомӣ даромад ва дар долони дарвозаи вай пойҳояшро овезон карда, ба болои суфача нишаст ва дар он чо каси дигар набуд. Дар ҳамин вақт Чомӣ бо қиёфате, ки дар боло тасвир ёфт, асо дар даст аз хона баромад.

Қозизода гумон кард, ки ин мард бояд ошпаз ё ҳезумкаш ва ё ягон хизматгори оддии Мавлоно Чомӣ бошад. Бинобар ин, аз чой барнахост, эҳтироме ҳам накард ва пурсид:

-Ҳазрати Мулло дар хона ҳастанд?

-То ин замон дар хона буданд.,-гуфт Чомӣ дар чавоб ва табассуме кард.

Қозизода худ ба худ гуфт: "Субҳоноллоҳ, дар мулозамати ин гуна азизони бузург чӣ гуна мардум мебошанд ва чавоби нодуруст медиҳанд ва бесабаб механданд?" Баъд аз қадаре андеша ба Чомӣ гуфт:

-Эй гӯли гаранг. Чӣ шавад, ки равӣ ва аз чониби Махдум арз кунӣ, ки писари қозии Сиистон омадааст, орзуи мулозамат дорад. Агар марҳамат намуда, қадаме ранча намоянд, ниҳояти илтифот аст.

Чомӣ бо шунидани ин супориш худдорӣ карда натавониста, баландтар хандид. Қозизода бошад, рӯй турш карда ва оташин шуда гуфт:

-Ин хандаи шумо чӣ бало зебандааст.

Дар ҳамин вақт якчанд нафар аз калонон, олимон ва фозилони Ҳирот савора ба зиёрати Чомӣ омаданд. Чун аз сари кӯча диданд, ки Чомӣ ба асо такя карда, ба пеши дарвоза рост истодааст, дар ҳамон чо аз аспҳо фаромаданд ва дастҳо пеш гирифта, бо камоли таъзим ба Чомӣ наздик шуда, ӯро зиёрат ва ба ӯ арзи эҳтиром карданд.

Қозизода бо дидани ин ҳол зиёдтар дар тааччуб афтод ва дар дили худ мегуфт: "Субҳоноллоҳ, ҳазрати Махдумро чӣ қадар азамат ва бузургворист,

ки бузургони шаҳр ба пасттарин хизматгори ӯ ин ҳама арзи эҳтиром менамоянд”.

Хулоса, ҳама ба меҳмонхона даромаданд. Чомӣ, чунонки одати ӯ буд, аз ҳама поинтар ва дар пеши дари даҳлез нишаст ва дигарон- ҳар кас ба қадри дарачаи худ бар чойи худ нишастанд. Чойи Қозизода дар паҳлуи Амир

Атоуллоҳ афтода буд ва оҳиста гӯшакӣ карда, ба вай гуфт:

-Чаро ҳазрати Махдумро касе хабардор намекунад, ки азизон ба зиёраташон омадаанд ва мунтазири мулоқотанд?

-Махдумо, магар шумо аз ин шаҳр нестед? Ҳазрати Махдум онанд, ки дар кафшгоҳ нишастаанд, -гуфт Амир Атоуллоҳ дар чавоб.

Қозизода бо шунидани ин чавоб фавран аз чой часта берун давид ва Чомӣ ба мардум фармуд, ки:

-Қозизодаро нагузоред, ки гурезад ва ӯро дошта пеши ман оред.

Ӯро дошта оварданд. Вай: “Ғариб мисли кӯр аст, маъзур доред ва аз гуноҳи банда даргузаред...”-гӯён фарёд мекард.

Чомӣ ба ӯ меҳрубонии бисёре карда гуфт:

-Мо дар умри худ аз мулоқоти ҳеч кас он қадар хурсанд нашуда будем, ки аз мулоқоти шумо шудем. (З.В.), 504 калима.

***Супоришҳо:***

*1.Мазмуни матнро гуфта диҳед.*

*2.Нақшаи матнро кашед.*

*3.Дар бораи вохӯрии Қозизодаву Чомӣ фикрҳои худ ва дар асоси мазмуни матн баёни эчодӣ нависед.*

## АЗМ ВА ДАЛЕРӢ

Ду рафиқ, ки яке Салим ном дошт ва дигаре Ғоним, дар роҳе мерафтанд ва бо рафоқати якдигар манзилҳо тай мекарданд. Гузари онҳо ба домани кӯҳе афтод, ки қуллаи он ба бурчи фалак мерасид. Дар пойи он куҳ чашмаи мусаффое буд. Дар пеши чашма ҳавзи бузург сохта, гирдогирди он дарахтони соядор сар дар сар оварда буданд.

... Ногоҳ дар канори ҳавз, аз он сӯ, ки об меомад, санги сафеде диданд, ки бо хати сабз бар вай навишта шуда буд: “Эй мусофир, ба ин манзил, ки расидӣ, бидон, ки мо барои меҳмон беҳтарин нуқл кардаем. Вале шарт он аст, ки аз баҳри сар гузашта, пой бар ин чашма бинеҳ ва аз хатари гулобу ҳавли ғарқоб андеша нанамуда, худро ба канор биандоз, шере, ки аз санг тарошида дар пойи куҳ ниҳодаанд, ба дӯнг бардошта, беист ба як давидан худро ба болои куҳ бирасон. Чун ин роҳ тамом шуд, дарахти мақсуд ба бар хоҳад омад”.

Баъд аз хондани ин хат Ғоним ба Салим рӯй оварда гуфт:

-Эй бародар, биё, ки ба ин майдони мубориза дароем ва ин тилисмро бикшоем.

Салим гуфт:-Эй ёри азиз, баробари хондани ин хат, ки нависандаи он маълум нест, ба чунин хатари азим пой ниҳодан манфиате надорад ва далели

чаҳолат аст. Ҳеч оқил дониста, заҳр намехӯрад, ҳеч хирадманд меҳнати накдро барои роҳати насия қабул намефармояд.

Ғоним гуфт:-Марди ҳимматпеша то пояи баланд ба даст наорад, аз роҳи талаб барнагардад...

Салим гуфт:-Дар роҳе, ки поён надорад, қадам задан ва дар баҳре, ки соҳилаш падид нест, шино намудан аз тариқи хирадмандӣ дур менамояд... Ман дар ин муомила ба ту ҳамроҳ нестам ва туро низ аз ин кор манъ мекунам.

Ғоним гуфт:-Аз ин сухан даргузар, ки ман ба қавли касе аз азимати худ барнагардам...

Салим донист, ки ӯ дар қарори худ якрав аст, гуфт:

-Эй бародар, мебинам, ки ту ба сухани ман тарки ин кори нокарданӣ мекунӣ. Ман тоқати мушоҳидаи ин ҳолат надорам.

Пас боре, ки дошт, бардошта, бо ёри худ видоъ намуд ва рӯй ба роҳ овард.

Пас бо азми устувор қадам дар чашма ниҳод. Ғоним донист, ки он чашма гирдоби балост, аммо дил қавӣ дошта, бо шиноварӣ ба соҳили начот расид ва ба канори об омада, нафас рост карда, шери сангиро ба пушт кашид. Ҳазор гуна заҳматро қабул намуда, ба як давидан ба сари куҳ расонд. Дар он тарафи куҳ шаҳри бузурге дид, ки ҳавои хуш ва фазои дилкаш дошт. Ғоним болои куҳ қарор гирифта, ба чониби шаҳр назар мекард, ки ногаҳ аз он шери сангӣ овози сахте баромад, ки ларза дар куҳу саҳро афтод. Он садо ба шаҳр расид ва мардуми бисёр аз ҳар тараф берун омаданд ва рӯй ба куҳ ниҳода, чониби Ғоним меомаданд.

Ғоним ба дидаи ҳайрат менигарист ва аз ҳучуми халоиқ тааччуб менамуд. Ногоҳ чамъи аъёну ашроф расида, расми дуову сано ба чо оварданд ва ба илтимоси тамом ӯро ба маркаб савор карда, ба чониби шаҳр бурданд, сару танашро ба гулобу кофур шуста, чомаҳои подшоҳона пӯшонданд. Ба эъзозу икром ихтиёри салтанати он вилоятро ба дасти ӯ доданд.

Ғоним донист, ки кашидани он ҳама меҳнатҳо ба тақозои давлат будааст. (В.К.), 499 калима.

***Супоришҳо:***

*1.Мазмуни матнро гуфта диҳед.*

*2.Нақшаи матнро кашед.*

*3.Дар бораи азму далерӣ фикрҳои худ ва дар асоси мазмуни матн баёни эчодӣ нависед.*

**Сарметодисти Маркази таълими республика** **Хусрав Ҳамидов**